*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон*
*(ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Рушди нобаробари минтақаҳои кишвар асосан дар ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва демографӣ зоҳир меёбанд. Ин мушкилот нисбӣ буда, бо таъсири маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз ҷумла шароити таърихӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва глобалӣ ба вуҷуд омада, минтақаҳои рушдёфта бо мурури замон метавонанд ба минтақаи қафомонда табдил ёбанд ва ё баръакс. Бинобар ин, амалкарди ҳукумат тавсеаи иқтидори тавлидӣ ва молиявӣ дар манотиқ маҳсуб ёфта, ҷиҳати тазмини тавсеаи пойдори дарозмуҳлати иқтисоди миллӣ ва манотиқи он бояд сафарбар гардад. Аз ин рӯ, масъалаи назариявии идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва ба ин восита баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии иҷтимоиву иқтисодии аҳолии кишвар дар таҳқиқот мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Дар рисолаи худ муаллиф дар раванди таҳқиқотҳои гузаронидаи худ ҷанбаҳои методӣ ва роҳҳои оптималии рушди нобаробарии минтақавиро инъикос намудааст, аз ҷумла коҳиши нобаробарӣ, тақсими одилонаи захираҳо дар минтақаҳои қафомонда, дастрасӣ ба инфрасохтори истеҳсолӣ, хизматрасонии тиббӣ дар минтақаҳои камбизоат, тағйироти демографӣ дар натиҷаи муҳоҷирати меҳнатӣ, тафовути ҳаҷми сармоягузорӣ ба минтақаҳои гуногун, афзудани тафовути байни дараҷаи тараққиёти шаҳру деҳот қайд намудааст, ки албатта, мо бо пешниҳоди ақидаи муаллиф розӣ ҳастем, муаллиф дар таҳқиқоти худ механизми истфодаи иқтидори самаранок ва ба кор андохтани ҳамаи усулҳои буҷет ва ба танзим даровардани рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ дар раванди таъмини рушди устувори минтақаҳоро дида баромадааст.

Дар автореферати мазкур унвонҷӯ аз тарафи худ таҳлили амиқи иқтидори рушди равобити байнибуҷетӣ вобаста ба сиёсати буҷетӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, ва уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ роҳандозӣ намудааст.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҷиҳатҳои мусбии ҷойдошта дар автореферат камбудӣ низ ба чашм мерасад:

1. Дар саҳифаи 12, ҷадвали 1 маҷмуи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳои таҳаввулоти муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда шудааст, вале муҳтавои зерсохтори ибораҳои мазкур дар автореферат камтар шарҳ дода шудааст.

Эроди мазкур умуман таъсири манфии худро ба кори илмии унвоҷӯ расонида наметавонад, чунки он хусусияти тавсиявӣ дорад.

Хулоса, чуноне аз автореферати диссертатсия бармеояд, Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди милии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев О.Б.

**Имзои “О. Бобоев”-ро тасдиқ менамоям,**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насурддинзода А.**

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email: info@apa.tj Телефон: (+992 (37) 224-17-86